# Рӯйхати санҷишии маҳоратҳо:
# Курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом

| Донишомӯз: | Ментор: | Сана: |
|---|---|---|

| Салоҳият | Шарҳу эзоҳи ментор | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| **Қадами якум: Интихоб** | | | |
| 1. Маълумти дахлдорро бо истифода аз варақаи арзёбӣ ҷамъоварӣ намуда, дуруст муайян мекунад, ки оё одам:<br>• Ба курсӣ барои қазои ҳоҷат ва/ё ҳаммом эҳтиёҷ дорад ё не<br>• Зери хавфи захми фишорӣ қарор дорад ё не. | | | |
| 2. Бо одам муҳокима кунед, ки ӯ чӣ гуна ва дар куҷо курсӣ барои қазои ҳоҷат ва/ё ҳаммомро бо дарназардошти (ҳадди ақал) инҳо истифода мебарад:<br>• Хилват<br>• Дастрасии бехатар ва осон, ҳатто фарш<br>• Ҳуҷраи шустани даст (барои курсӣ барои қазои ҳоҷат). | | | |
| 3. Маҳсулот ва хусусиятҳоеро интихоб мекунад, ки ба беҳтарин ваҷҳ эҳтиёҷоти истифодабарандаро қаноатманд мегардонанд. | | | |
| 4. Муайян мекунад, ки одам кай ба бозравонӣ эҳтиёҷ дорад ва ба хадамоти дахлдор бозравонӣ мекунад. | | | |
| **Қадами дуюм: Мувофиқсозӣ** | | | |
| 5. Санҷида мебарояд, ки оё маҳсулот дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад ё не ва пеш аз мувофиқсозӣ маҳдудияти вазнро месанҷад<br>6. Насб мекунад ва/ё ба одам дар бораи чӣ гуна насб ва танзим кардани курсӣ барои қазои ҳоҷат ва/ё ҳаммом дар макони интихобшуда маслиҳат медиҳад | | | |
| **Қадами сеюм: Омӯзондан** | | | |
| 7. Бо одам муҳокима мекунад ва/ё ба ӯ чӣ гуна истифода бурдани курсӣ барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом, аз ҷумла инҳоро меомӯзонад:<br>• Чӣ тавр ба таври бехатар бароянд ва фароянд (метавонад ба омӯзиш оид ба интиқол ёфтан бозравонӣ кунад)<br>• Барои истифодаи бомуваффақияти курсӣ барои қазои ҳоҷат маслиҳатҳои дахлдор (пешгирӣ намудани садама) пешниҳод намоянд<br>• Мунтазам тоза кардан ва | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| санҷидани тормозҳо, саракҳо, зангзадагӣ, каф. | | | |
| **Қадами чорум: Пайгирӣ** | | | |
| 8. Чораҳои дурусти пайгирикунанда, ба монанди инҳоро муайян мекунад:<br>• Гузаронидани омӯзишҳои бештар<br>• Таъмир ва иваз кардани маҳсулот<br>• Бозравонӣ кардан ба хадамоти дигар. | | | |
| **Барои ҳамаи қадамҳо** | | | |
| 9. Амалкарди бехатар ва ба муроҷиаткунанда нигаронидашударо дар тӯли тамоми марҳалаҳои хизматрасонӣ нишон медиҳад. | | | |

## Қайдҳо барои менторҳо

**Барои ёрӣ расондан дар анҷоми корҳои зерин аз рӯйхати санҷиши маҳоратҳо истифода кунед:**

- Арзёбӣ кунед, ки то кадом андоза донишомӯзон маҳоратҳои таъмин намудани курсиҳо барои қазои ҳоҷат ва ҳаммомро бехатар иҷро мекунанд ва оё:
  - Онҳо ин маҳсулотҳоро бехатар ва мустақилона таъмин карда метавонанд ё не, ё
  - Ба назорати иловагӣ эҳтиёҷ доранд ва агар чунин бошад, онҳо ба амалия кардани кадом маҳорат эҳтиёҷи бештар доранд

**Ба назар гиред, ки:**

- Рӯйхати санҷишӣ ба маҳоратҳои муҳимтарин, ки дар модули TAP фаро гирифта шудаанд, диққати асосӣ медиҳад
- Шояд дигар маҳоратҳое вуҷуд дошта бошанд, ки шумо мехоҳед кормандонатон вобаста ба эҳтиёҷоти хадамот рушд диҳанд. Агар муфид бошад, шумо метавонед ин рӯйхати санҷиширо такмил диҳед.
- Дар давоми як ҷаласа шумо шояд маҳоратҳо барои ҳар чаҳор қадамро мушоҳида карда натавонед, зеро пайгирӣ бахусус дар ягон рӯзи баъдӣ сурат мегирад.

**Барои истифодаи рӯйхати санҷишии маҳоратҳо:**

- Мушоҳида кунед, ки чӣ гуна донишомӯзон қадамҳо оид ба таъмин намудани курсӣ барои қазои ҳоҷат ва ҳаммомро иҷро мекунанд. Ин метавнад ба воситаи иҷрои нақшҳо (амалия бо ҳамдигар) ё бо муроҷиаткунандагон анҷом дода шавад.
- Ҳамеша боварӣ ҳосил кунед, ки амалия бо муроҷиаткунандагон ба таври бехатар анҷом дода мешавад.
- Дар варақа қайд кунед, ки оё иштироккунанда ҳар як маҳоратро дуруст иҷро кард ё не. Барои навиштани тафсилоти бештар аз сутунчаи шарҳу эзоҳҳо истифода кунед. Инҳо метавонанд корҳоеро дар бар гиранд, ки хуб анҷом дода шудаанд, ё соҳаҳоеро дар бар гиранд, ки ба амалияи бештар ниёз доранд.

**Пешниҳод кардани фикру андешаҳо ба донишомӯзон:**

- Мушоҳидаҳои худро бо донишомӯзон муҳокима кунед. Нуқтаҳои қавии онҳо ва соҳаҳоеро, ки ба амалияи бештар ниёз доранд, ба онҳо гӯед.
- Рӯйхати санҷишии пуршудаҳо ба донишомӯзон ҳамчун нусхаи онҳо пешниҳод кунед.
- Машварат додан ва пуштибонӣ карданро идома диҳед ва бо ин, ки маҳорат ва эътимоди онҳо рушд мекунад, онҳоро дубора арзёбӣ кунед.

**Кай донишомӯз мустақилона ба таъмин намудани курсӣ барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом омода аст?**

- Барои он, ки донишомӯз воситаҳои ёрирасон барои роҳгардиро ба таври бехатар таъмин намояд, ӯ бояд ҳамаи маҳоратҳоро дуруст иҷро кунад.
- Дар ёд дошта бошед – машварат додан ва назорат кардан барои идома додани такмили маҳоратҳо раванди давомдор ба шумор меравад.